ФАРМОИШИ
РАИСИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ «КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»

аз «01» 10 соли 2026 № 387/БУ ш. Душанбе

Дар бораи бозхонд намудани парвандаи
аттестатсионии Аминҷонова Рухшона Ҳакимовна

Мутобиқи сархати шашуми моддаи 16 ва сархати ҳафтуми қисми 2 моддаи 17 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ”, сархати чоруми банди 18 Низомномаи Муассисаи давлатии “Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, № 270 тасдиқ шудааст, ф а р м о и ш м е д и ҳ а м:

1. Бо хоҳиши Аминҷонова Рухшона Ҳакимовна парвандаи аттестатсионии номбурда оид ба дарёфти унвони илмии дотсент аз рӯйи самти илмҳои «Забоншиносӣ» аз баррасии Комиссия бозхонд карда шуда, дар ин асос дархости Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд рад карда шавад.

2. Шуъбаи аттестатсионии илмҳои гуманитарӣ (Самариддини Ҷамол) дар муҳлати то 10 рӯз нусхаи фармоиши мазкурро дар сомонаи Комиссия ҷойгир намояд.

3. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Мумин Шарифзода гузошта шавад.

Асос: аризаи довталаб Аминҷонова Р.Ҳ. аз 25 сентябри соли 2026 ва хулосаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои гуманитарӣ.

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ

Раис Сайфиддин Давлатзода